**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)**

Парвандаи аттестатсионии №8

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 19-уми июни соли 2023, №8

барои сазовор донистани Валиев Ҷамшед Абдурасулович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)

Диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи “Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, таҳти №306) рӯзи 10-уми апрели соли 2023, суратҷаласаи №23 барои ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Валиев Ҷамшед Абдурасулович 7-уми июни соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Соли 2011 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик бо касби муаллими забон ва адабиёти тоҷик соли 2015 хатм кардааст. Соли 2015 то соли 2017 дар шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳсил кардааст. Фаъолияти кориашро соли 2016 дар ДДОТ ба номи С.Айнӣ оғоз кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2016 то сентябри соли 2017 дар вазифаи мудири кабинети фаннии факултети педагогика, ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ кор карда, аз соли 2017 то соли 2020 дар зинаи докторантураи PhD-и кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ таҳсил намудааст. Аз соли 2020 то соли 2022 дар вазифаи муовини декан оид ба корҳои тарбиявии факултети филологияи тоҷик, аз апрели соли 2022 то ҳол ба ҳайси котиби масъули маҷаллаи “Муҳаққиқ”

ва ҳамзамон ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло, доктори илми филология, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Низомова Санобар Фахриевна,** доктори илми филология, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»;

**- Усмонова Мунаввара Холиқовна,** номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода».

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Дӯстзода Ҳамрохон Ҷумъа, номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷик Мавлозода Шухрат Мавлон, котиби илмии ҷаласа, номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забони адабии муосири тоҷик Ҳасанов Меҳроб Маҳмадович навишта шуда, ба имзову муҳри ректори муассиса, доктори илми иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт тасдиқ гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи номзадии Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи “Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад” ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бар он асоснок мегардад, ки онҳо

мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 25 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 11 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

**А) Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои бонуфузи тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Валиев, Ҷ. А. Исмҳои мураккаби тобеъ дар осори Абдулҳамид Самад. [Матн] / Ҷ.А. Валиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. - №1 (73). – С.117-120.

[2-М]. Алиев, О. Валиев, Дж.А. Некоторые лексические особенности эпоса «Гуругли». [Текст] / О. Алиев, Дж.А. Валиев // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2018. - №1 (73). – С.86-91.

[3-М]. Валиев, Ҷ.А. Пасвандҳои исмсоз дар насри бадеии Абдулҳамид Самад. [Матн] / Ҷ.А. Валиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019. - №4 (81). – С.92-96.

[4-М]. Валиев, Ҷ.А. Хусусиятҳои морфологии вожаҳои мақолаи «Фардои мактабу маориф»-и Ӯрун Кӯҳзод. [Матн] / Ҷ.А. Валиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. - №1 (84). – С.59-62.

[5-М]. Каримов, Ш., Валиев, Ҷ.А. Таҳлили морфологии мақолаи «Бурду бохти наср»-и Ӯрун Кӯҳзод. [Матн] / Ш. Каримов, Ҷ.А. Валиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. - №1 (84). – С.63-66.

[6-М]. Валиев, Ҷ.А., Тоирзода, А.Р. Калимасозӣ тариқи пасванди ***-гоҳ*** дар асоси маводи ғазалиёти Шамсиддин Шоҳин. [Матн] / Ҷ. А. Валиев, А. Р. Тоирзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. - №6 (89). – С.83-86.

[7-М]. Валиев, Ҷ.А., Тоирзода, А.Р., Айтаматова, Н.Х. Калимасозӣ тариқи пасванди ***-а*** дар асоси маводи ғазалиёти Шамсиддин Шоҳин. [Матн] / Ҷ.А. Валиев, А.Р. Тоирзода, Н.Х. Айтаматова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. - №6 (89). – С.96-99.

[8-М]. Валиев, Ҷ.А., Тоирзода, А.Р. Калимасозӣ тариқи пасванди ***-ак*** дар асоси маводи ғазалиёти Шамсиддин Шоҳин. [Матн] / Ҷ.А. Валиев, А.Р. Тоирзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. - №1 (90). – С.84-87.

**[9-М]**. Валиев, Ҷ.А. Калимасозии исмҳои маънӣ дар насри бадеии Абдулҳамид Самад. [Матн] / Ҷ. А. Валиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. - №3 (92). – С.91-94.

**[10-М]**. Раҳматуллозода, С.Р., Валиев, Ҷ.А. Вазъи инкишофи калимасозӣ дар забони тоҷикии ибтидои асри XX. [Матн] / С.Р. Раҳматуллозода, Ҷ.А. Валиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. - №5 (100). – С.53-58.

**[11-М]**. Раҳматуллозода, С.Р., Валиев, Ҷ.А. Субстантиватсия дар осори Абдулҳамид Самад. [Матн] / С.Р. Раҳматуллозода, Ҷ.А. Валиев // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2022. - №3 – С.154-162.

**Б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳо ва маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расидаанд:**

**[12-М]**. Валиев, Ҷ.А. Исмҳои мураккаби пайваст дар осори Абдулҳамид Самад (Исмҳое, ки ба воситаи миёнванди **-у-** таркиб ёфтаанд). [Матн] / Ҷ.А. Валиев // Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии муҳаққиқони ҷавон «Муҳаққиқ». – Душанбе, 2016, №1 (1). – С.53-55.

**[13-М]**. Валиев, Ҷ.А. Исмҳои мураккаби пайваст дар «Паррончакҳо»-и Абдулҳамид Самад (Исмҳое, ки ба воситаи миёнванди **-о-** ва аз такрори бевоситаи калимаҳо таркиб ёфтаанд). [Матн] / Ҷ.А. Валиев // Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии муҳаққиқони ҷавон «Муҳаққиқ». – Душанбе, 2016, №8 (8). – С.26-28.

**[14-М]**. Валиев, Ҷ.А. Сухандон ва сухансанҷ. [Матн] / Ҷ.А. Валиев // Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии муҳаққиқони ҷавон «Муҳаққиқ». – Душанбе, 2017, №4 (21). – С.43-45.

**[15-М]**. Валиев, Ҷ.А. Исмҳои мураккаби тобеъ дар осори Абдулҳамид Самад. [Матн] / Ҷ.А. Валиев // Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии муҳаққиқони ҷавон «Муҳаққиқ». – Душанбе, 2017, №6 (23). – С.29-32.

**[16-М]**. Валиев, Ҷ.А., Тоирзода А.Р., Ҳафизова Ш.М. Хусусиятҳои луғавию грамматикии ҳиссаҳои нутқ дар «Девон»-и Рӯдакӣ (Ахтарони адаб. Саҳ. 51-77). [Матн] / Ҷ.А. Валиев, А.Р. Тоирзода, Ш.М. Ҳафизова // Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии муҳаққиқони ҷавон «Муҳаққиқ». – Душанбе, 2020, №2 (47). – С.17-23.

**[17-М]**. Валиев, Ҷ.А., Тоирзода, А.Р. Калимасозии пасванди **-вар** ва вазифаҳои он дар осори Шамсиддини Шоҳин. [Матн] / Ҷ.А. Валиев, А.Р. Тоирзода // Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии муҳаққиқони ҷавон «Муҳаққиқ». – Душанбе, 2020, №3 (48). – С.31-33.

**[18-М]**. Сатторов, Н.С, Валиев, Ҷ.А., Юсупов, А.У. Таҳлили масоили калимасозӣ дар забоншиносии Рус ва Аврупо. [Матн] / Н.С. Сатторов,

Ҷ.А. Валиев, А.У. Юсупов // Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии муҳаққиқони ҷавон «Муҳаққиқ». – Душанбе, 2021, №1 (50). – С.31-33.

**[19-М]**. Валиев, Ҷ.А., Тураев, М.Р. Пасвандҳои камкорбурди забони адабии ҳозираи тоҷик (дар мисоли «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус). [Матн] / Ҷ.А. Валиев, М.Р. Тураев // Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии муҳаққиқони ҷавон «Муҳаққиқ». – Душанбе, 2021, №3 (52). – С.55-57.

**[20-М]**. Валиев, Ҷ.А. Шарҳи луғавӣ-морфологии вожаҳои мақолаи «Ғайр аз хӯрдану пӯшидан корҳое дигаре низ ҳаст»-и Ӯрун Кӯҳзод. [Матн] / Ҷ.А. Валиев // Анвори дониш. Маҷмуаи илмӣ, №2. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2021. – С.212-223.

**[21-М]**. Валиев, Ҷ.А., Каримов, Ш. Хусусиятҳои калимасозии лексикаи мансуб ба Рустам дар «Шоҳнома». [Матн] / Ҷ.А. Валиев, Ш. Каримов // Атри сухан. Маҷмуаи илмӣ, №1. Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2021. – С.139-153.

**[22-М]**. Сатторов, Н.С., Валиев, Ҷ.А. Баъзе масъалаҳои калимасозӣ аз нигоҳи профессор Шарофиддини Рустам. [Матн] / Н.С. Сатторов, Ҷ.А. Валиев // (Конференсияи ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами забоншиносии миллӣ» бахшида ба 90-солагии Шарофиддини Рустам). – Душанбе: 5-уми майи соли 2021. – С.167-175.

**[23-М]**. Валиев, Ҷ.А. Киноя яке аз рукнҳои муҳимми маҷоз дар насри бадеии Абдулҳамид Самад. [Матн] / Ҷ.А. Валиев // (Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ (21-уми феврал) дар мавзуи «Истиқлоли давлатӣ ва рушди забони модарӣ»). – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2022. – С.86-90.

**[24-М]**. Валиев, Ҷ.А., Сатторов, Н.С., Юсупов, А.У. Калимасозии морфологии исм дар повести «Ситораҳои сари танӯр»-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ. [Матн] / Ҷ.А. Валиев, Н.С. Сатторов, А.У. Юсупов // Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии муҳаққиқони ҷавон «Муҳаққиқ». – Душанбе, 2022, №1 (54). – С.21-2 4.

**[25-М]**. Валиев, Ҷ.А. Таҳаввулоти маъноии вожаҳо ва сермаъноӣ – асоси калимасозии лексикӣ-семантикӣ (дар асоси маводи осори Абдулҳамид Самад). [Матн] / Ҷ.А. Валиев // Маҷаллаи илмии «Масъалаҳои забоншиносӣ». – Душанбе, 2022, №1 (1). – С.133-137.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф** - доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии

«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров». **Дар тақриз** роҷеъ ба мубрам будани мавзуъ, навгонӣ дар таҳқиқи илмии диссертант зикр гардида, ба автореферат се эрод гирифта шудааст:

- муаллифи рисола ҳангоми таҳлили пасвандҳои исмсоз вожаҳои *навъи аспакӣ, харакӣ, сабабгор, ёдгор, рӯзгор* ва монанди инҳоро исми шахс ба шумор овардааст, ки дуруст нест (ниг. с. 11-ум);
- унвонҷӯ дар ҷараёни нишон додани қолаби ташаккули иддае аз аносири луғавӣ ба ғалат роҳ додааст. Чунончи, вожаи мураккаби навъи *«хушгӯӣ»*-ро қолаби сифату асоси замони ҳозираи феъл бунёдгардида медонад (ниг.с.16-ум), ё калимаҳои *«модасаг», «мардбача»*-ро дар заминаи қолаби аз ду исм ташаккулёфта меҳисобад (ниг.с.16-ум), ё ки вожаҳоеро амсоли *«калоншаванда»* дар қолаби исму сифати феълӣ рехташуда мешуморад;
- дар фишурдаи рисола ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва китобат вуҷуд дошта, онҳо дар натиҷаи мувофиқат накардани ҳиссаҳои ҷумла *(...одамон...истифода намоянд*-с.3; *вожаҳое... сохта мешавад*-с.3; *...ин масъала... омӯхта нашудаанд*-с.3; инчунин с.7, 8, 15...), ба гунаи ғалат овардани калимаву таркибу ибораҳо дар дохили матнҳо (ниг.с. 4, 5, 6, 9, 10, 14...) ва монанди инҳо содир шудаанд.

**2. Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад** - номзади илми филология, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тақриз дар маҷмуъ мусбат буда, чунин эродҳо манзур гардиданд:

- беҳтар мебуд, агар мубрамии мавзуи таҳқиқ каме васеътар шарҳ дода мешуд;
- дар банди дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ ва ба ин монанд дигар қисматҳо ном ва соли таҳқиқи муҳаққиқони соҳа бо тартиби хронологӣ оварда нашудааст. Агар номи онҳо бо тартиби хронологӣ оварда мешуданд, аз манфиат холӣ набуд;
- фасли дуюми боби дуюм «Бозтоби роҳи лексикӣ-семантикии калимасозӣ» ном дорад. Калимаи «Бозтоб» ҷанбаи илмӣ надорад ва дар ягон фарҳанг чунин мафҳум ҷой надорад. Ин калима моли илм нест. Беҳтар мебуд, агар фасл «Роҳи лексикӣ-семантикии калимасозӣ» ном бурда мешуд;
- дар автореферат ҷо-ҷо камбудиҳои техникӣ низ во мехӯрад, киислоҳи онҳо дар комил гардидани мазмуну муҳтавои автореферат мусоидат хоҳад кард.

**3. Саидов Нуралӣ** - номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Академияи идоракунии

давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Тақриз** мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

- ҳарчанд номи мавзуъ роҳҳои калимасозии исм унвон гирифта бошад ҳам, дар автореферати диссертатсия роҳи луғавию синтаксисӣ ва усули ихтисораи калимасозии исм аз назари муҳаққиқ дур мондаанд;
- диссертант дар мавридҳои муайян ибрози андеша намуда, мулоҳизаҳояшро бо далелу мисолҳои ҷолиб аз осори мавриди таҳқиқ меоварад, вале дар баъзе ҳолатҳо аз осори А. Самад ҷумлаҳо оварда нашудаанд (с. 13, 14, 15, 16) ва гоҳҳо мисолҳои овардашуда кифоя нестанд.

**4. Қурбоналиева Махфират, Муқумова Дилафруз** – номзадҳои илми филология, саромӯзгорони кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмизи Ҷумҳурии Узбекистон. **Тақриз** мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

- Забони автореферат равону илмӣ бошад ҳам, баъзан ҷумлаҳои носуфта дар саҳифаҳои 6, 11 ва 15 ба назар мерасанд;
- Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои хусусияти имлоӣ ва китобатӣ дида мешавад (7, 12).

**5. Офаридаев Назрӣ** - доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев. Тақриз мусбат буда, дар он се эрод қайд гардидааст:

- тафовут байни исмҳои мураккаби пасванддор ва исмҳои мураккаби омехта он қадар барҷаста нишон дода нашудааст. Масалан: *футболбозӣ* (исми мураккаби пасванддор), *кӯчагардӣ* (исми мураккаби омехта);
- ба неологизмҳои услубии хосси нависанда, ки бо роҳи калимасозӣ шакл гирифтаанд, таваҷҷуҳ зоҳир нагардидааст;
- ба назари мо, дар ҷумлаи "*Ҳеҷ кас ҷилави аспи чӯбини бодпоро гардонида натавонист*" ибораи ***аспи чӯбини бодпо*** на ба маънои ***тобут***, балки маънои умумии ***марг*** омадааст (с.17).

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки довталаби дараҷаи илмӣ зимни иҷро кардани таҳқиқи илмӣ, инчунин, **мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро** ҳаллу фасл намудааст, яъне, ҳадафи асосии таҳқиқ нишон додани роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад буда, ба

ин васила накши осори ин адиб дар таҳаввули таркиби луғавии забони тоҷикӣ муайян карда мешавад.

Ҳадафи мазкур муҳаққиқро ба иҷрои вазифаҳои зерин муваффақ гардондааст:

- таҳқиқи масоили назариявии калимасозӣ ва инъикоси роҳи морфологии калимасозӣ дар осори Абдулҳамид Самад:

а) нишон додани мақоми пешванд дар калимасозии исм;

б) муайян намудани нақши пасвандҳое, ки исми шахс месозанд;

в) дақиқ сохтани мавқеи пасвандҳое, ки исми ашё ва макон месозанд;

г) баррасии нақши пасвандҳое, ки исми маънӣ месозанд.

- калимасозии лексикӣ-семантикӣ ва нақши маҷоз дар он:

- калимасозии морфологӣ-синтаксисӣ ва ё усули конверсия (субстантиватсия);

- таҳқиқи исмҳои мураккаби пайваст дар осори А.Самад:

а) дақиқ нишон додани нақши қолибҳои калимасозӣ бо миёнванди **«у»** дар забони осор;

б) муайян сохтани қолибҳои калимасозӣ бо миёнванди **«о»;**

в) ташреҳи қолибҳои такрори бевоситаи калимаҳо (редупликатсия).

- баррасии мақоми қолибҳои исмҳои мураккаби тобеъ дар осор;

- баррасии исмҳои мураккаби сеҷузъа дар осор;

- вижагиҳои исмҳои мураккаби пасванддор дар осор;

- таҳқиқи қолиби исмҳои мураккаби омехта.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ.** Дар диссертатсия, асосан, таҷрибаи назариявии муҳаққиқони варзидаи тоҷику рус ва эронӣ, аз ҷумла Е.Э. Бертелс [1922], Л.С. Пейсиков [1973], В.С. Расторгуева [1954], Т.А. Алескерова [1964], А.З. Розенфелд [1953], Ю.А. Рубинчик [1960], М. Баҳор [2012], Хусрави Фаршедвард [1991], Б. Абдуллоев [1954], Н. Ахмедҷонова [1956], Д.Т. Тоҷиев [1981], Д. Хоҷаев [1998], Т. Зеҳнӣ [1987], Ш. Ниёзӣ [1954], Ш. Рустамов [1981], М. Муҳаммадиев [1967], Қ. Тоҳирова [1967], С. Ҳалимов [1975], Ш. Кабиров [1984], С. Назарзода [2003], Ҳ. Султонов [2003], А. Ҳасанзода [2006], М.Саломиён [2001], З. Мухторов [2017], М. Мирзоева [2017], О. Қосимов [1988], С. Раҳматуллозода [2019], Д. Ҳомидов [2002], С. Низомова [2002], А.Амлоев [2016], М. Олимҷонов [2011], М. Усмонова [2022] ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Инчунин, дар навиштани диссертатсия ба сарчашмаҳои дигари илмӣ, ки аз ҷониби донишмандони ватаниву хориҷӣ ба этимологияи калимоти тоҷикӣ-форсӣ бахшида шудаанд, такя карда шудааст.

**Диссертатсия дар заминаи усулҳои** синхронию диахронӣ, таҳлилию муқоисавӣ, таҷзияву таҳлил ва усули нишон додани ҳолати оморӣ сурат гирифтааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зуҳур меёбад, ки истифодаи имкониятҳои морфологӣ ва услубии забони адабии тоҷик дар осори таҳқиқшаванда ва муайян намудани роҳҳои калимасозии исм дар забони адабии муосири тоҷик дар асоси ин осор, ки дар рушду инкишофи забони адабии муосири тоҷикӣ нақши бориз дорад, барои дақиқ намудани тамоюли инкишофи низоми калимасозии забони адабии тоҷик аҳамияти назариявиро молик аст. Андешаҳои назариявие, ки аз натиҷаҳои пажуҳиш дар асоси он ҳосил шудаанд, метавонанд дар таҳқиқи хусусиятҳои грамматикию услубии асарҳои мансури дигар адибон мавриди истифода қарор гирад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои диссертатсияро метавон дар раванди таълими дарсҳои назариявию амалии таърихи забони адабии тоҷик, грамматикаи меъёрӣ, назарияи калимасозӣ, бахшҳои забони адабии ҳозираи тоҷик (лексикология, морфология ва синтаксис), ҳамчунин, зимни таҳияи китобҳои дарсии грамматикаи забони адабии тоҷик, назарияи калимасозӣ ва дастуру воситаҳои таълим аз фанни услубшиносӣ истифода намуд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мешавад, ки мавзуи мазкур бори аввал дар асоси маводи осори Абдулҳамид Самад дар забоншиносии тоҷик мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор дода мешавад ва дар ин замина муайян намудани роҳҳои калимасозии исм дар эҷодиёти адиби мазкур ҳоизи аҳаммият мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки то имрӯз баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад бевосита таҳқиқ нашудааст. Таҳқиқоти мазкур дар забоншиносии тоҷик иқдоми нахустин буда, дар бахши омӯзиши роҳҳои гуногуни калимасозии исм, махсусан, роҳҳои вожасозии морфологӣ, лексикӣ-семантикӣ, мофологӣ-синтаксисӣ ва синтаксисию морфологӣ дар осори Абдулҳамид Самад бо нишон додани саҳми адиб дар корбурд ва офаридани калимаҳои нав пажуҳиши тоза ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 19-уми июни соли 2023 дар бораи сазовор донистани Валиев Ҷамшед Абдурасулович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуданд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷаматов С.С.

Котиби шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳоии филологӣ, дотсент Каримова Д.Н.

19.06.2023